**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович дар мавзӯи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондихандаҳои физиологию биохимиявӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми биология аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод шудааст.**

Яке аз омилҳои муайянкунандаи дараҷаи маҳсулнокии растанӣ равандҳои рушду нумӯъ ба шумор меравад. Маълум аст, ки омили асосии бамеъёрдарорандаи равандҳои рушду нумӯи растанӣ, хусусан офтобпараст, аз дараҷаи ба гармӣ ва намӣ таъмин будани киштзор ба ҳисоб меравад. Чунки дар растании офтобпараст рушди босуръати поя ва афзудани сатҳи ассимилятсионии растанӣ асосан дар давраи ташаккулёбии узвҳои генеративӣ (тӯдагул) ба амал меояд. Аз гармӣ ва намӣ таъмин нашудани растанӣ дар ин давра ба суръати рушди пояи асосӣ ва ташаккулёбии масоҳати барг таъсири манфӣ мерасонад, ки он дар тағйирёбии маҳсулнокии растанӣ зоҳир мешавад. Омӯзиши алоқамандии талаботи офтобпараст ба чунин омилҳои асосӣ, ба монанди гармӣ ва намӣ, имконият медиҳад, ки чараёни рушду нумӯи растанӣ дар шароити мушаххаси хокию иқлимии парвариш пешгӯӣ ва истифода бурда шавад. Дар байни омилҳои асосии фаъолияти ҳаётии растанӣ маълум аст, ки вазифаи калидӣ ба дараҷаи реҷаи равшанӣ ва обии муҳит тааллуқ дорад.

Ба дастовардҳои мавҷуда дар ин соҳа нигоҳ накарда, баъзе масъалаҳо, алалхусус, таъсири омилҳо ба нишондиҳандаҳои морфофизиологӣ ва физиологию биокимиёвии маҳсулнокии навъҳои равғандиҳандаи зироати офтобпараст дар шароити Тоҷикистон кам таҳқиқ шудаанд.

Мавзӯи интихобнамудаи Иброҳимов Қобилҷон масъалаи мубрами мебошад, зеро дар ташаккулёбӣ ва фаъолияти киштзори офтобпараст хусусиятҳои иқлимии минтақаи парвариш ва фарқияти байни навъҳои

зироати мазкур аҳамияти муҳим дорад. Яке аз омилҳои асосие, ки дараҷаи маҳсулнокии киштзорро муайян мекунад, сохтори майдони кишт ва андозаи масоҳати барг ба шумор меравад. Дар баробари ин офтобпараст барои Тоҷикистон ҳамчун зироати равғандиҳанда бо сифати хуби озуқаворӣ аҳамияти калон дорад.

Рисоланавис муайян намудааст, ки ҳангоми татбиқи навъҳои нав реаксияи ҷавобии онҳо ба омилҳои гуногуни экологӣ (баландӣ аз сатҳи баҳр, ҳарорати ҳаво, намнокии ҳаво ва хок ва ғайраҳо), на ҳама вақт ба эътибор гирифта мешавад. Ҳамин тавр муайян намудааст, ки шароити иқлимии парвариш ба рушд, нумӯъ ва маҳсулнокии навъҳои омӯхташудаи офтобпараст таъсири назаррас мерасонад.

Ҳамин тавр дар хулоса бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионии аз ҷониби КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида оид ба “Тартиби дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар шӯроҳои диссертатсионӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо мебошад.

Номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи химияи
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон Солиева Б.А.

Суроға: 734061, ш.Душанбе, к. Н.Қарабоев - 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. www.tut.tj.

Имзо Солиева Б.А. тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.
«05» 04 2024с.